# ТАҚРИЗ

ба автореферат ва диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур дар мавзуи Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” аз дидгоҳи талаботи замон муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар шароити кунунӣ камолоти инсон бе ҷаҳонбинии васеъ, бе дониши комил ва таҷриба, маҳорати касбӣ оид ба синфҳои ибтидоӣ ғайри имкон аст. То ки омӯзгор дар назди хонанда чун идеал шинохта шавад, вай бояд ба қадр, мавқеъ ва манзалати касби хеш ва ҷойгоҳи ӯ дар таълиму тарбияи кӯдакон ва рушди шахсияти онҳо расад. Шинохти моҳияти касб ва дӯст доштани он ояндаи кӯдаконро нур бахшида, Ватанро ободу гул-гул- шукуфон мекунад, ки ин бевосита вазифаи асосии маорифи кишвар ва муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба шумор меравад.

Дар иртибот ба мавзуи диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич қайд намудан зарур аст, ки дар шароити муосир таҳқиқот саривақтӣ ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замон тавсияҳои илмӣ–амалие, ки барои ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Зеро ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ тақозои замони муосир буда, ҳадафи таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ташаккули маҳорати касбии донишҷӯён иборат аст, ки марбути вазифаҳои зерин аст:

- амиқ ва мустаҳкам намуданид онишҳоиназариявӣ;
- инкишоф додани худомӯзии педагогӣ;
- тарбия ва устувор намудани шавку ҳавас ба касби омӯзгорӣ;
- тарбия ва ташаккули хислатҳои шахсӣ-касбии омӯзгорони оянда;
- ташаккул ва рушди малакаҳои касбӣ;
- омӯзиши таҷрибаомӯзии корӣ оид ба ихтисос дар мактаб;
- ташаккули муносибати эҷодӣ-таҳқиқотӣ ба фаъолияти педагогиро иҷро намуда, дар ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён заруранд, ки ин муҳимияти мавзуи мазкурро нишон медиҳад.

Муҳаққиқ бо иҷрои вазифаҳои тадкикот ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ба навгониҳои илмии зерин дастёб шудааast:

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст;

- амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор додааст;

- самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаро дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян намудааст;

- консепсияҳои муосири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаро ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил намудааст;

- оид ба ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавсияҳои илмӣ-методии асоснок пешниҳод кардааст.

Аз ин ин рӯ, таҳқиқоти зикршуда муҳим ва дархӯри ниёзҳои омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар самти таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад.

Унвонҷӯ дар раванди тадқиқот дар заминаи таҷриба ва мушоҳидаҳо маълумоти боэътимодро аз муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар самти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил намудааст тавассути озмоишҳо масъалаҳои дар фарзияи таҳқиқот баррасишударо санҷидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар шарҳу муайяннамоии мавқеи акмеологии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар заминаи муносиби таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ; дар муҳити таълимии фаъолияти касбӣ, моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ифода ёфта, **а**ҳамияти амалии таҳқиқотро ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот, пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ташкил дода, тавсияҳои мазкурро метавонанд таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ ва омӯзгорону мушовирони муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳангоми ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда истифода намоянд.

Натиҷа ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар 7 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастур инъикос ёфтаанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар фавқзикршуда, диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевичро, ки дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии

омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, метавон таҳқиқоти илмии мустақилона ба охиррасида ҳисобид.

Ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мазкур ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои
педагоги, директори филиали
Муассисаи давлатии "Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Каримзода Ш.К.

22.02.2024

**Маълумот барон тамос:**
Суроға: 734000. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи
М.Турсунзода 8, тел: 9380393924; Суроғаи электронӣ:
shavkatnormatov@mail.ru

Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои филиали
ДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе Шариф ов А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОТИБОТ